«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
профессор Хушвахтзода Қ.Х.
______________________
«25» ______11______ соли 2022

# ХУЛОСА
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи Амонова Дилором Абдувахидовна дар мавзӯи **«Роҳҳои мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D050900 – Молия, (6D050901 – молия, муомилоти пулӣ ва қарз) дар кафедраи идоракунии молияи давлатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.

Амонова Дилором Абдувахидовна бо фармоиши ректори ДМТ аз 21-уми ноябри соли 2018, таҳти №578-05 ба ҳайси докторанти доктори фалсафа, доктор аз рӯи ихтисоси 6D050900 – Молия, (6D050901 – молия, муомилоти пулӣ ва қарз) қабул гардида буд. Дар давраи тайёр кардани диссертатсия Амонова Дилором Абдувахидовна ҳамчун докторанти зинаи таҳсилоти доктор PhD аз рӯи ихтисос дар кафедраи идоракунии молияи давлатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, барномаи таълимӣ ва корҳои илмӣ-таҳқиқотиро дар ҳаҷми соатҳои пешбинишуда (180 кредит) пурра аз худ намуд. Вобаста ба натиҷаҳои имтиҳоноти супоридашуда маълумотҳо дар варақаҳои имтиҳонӣ дарҷ гардидаанд.

Амонова Дилором Абдувахидовна соли 2007 кафедраи молия ва қарзи Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмати Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ихтисоси молия ва қарз хатм карда, аз соли 2016 то соли 2018 дар зинаи магистратураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 25010410 - молия ва қарз таҳсил карда, соҳиби дараҷаи магистр гардид.

Амонова Дилором Абдувахидовна аз соли 2003 ба ҳайси коргузор-методисти факултети молиявию иқтисодии ДМТ фаъолияти меҳнатиашро оғоз карда, аз соли 2018 ба ҳайси ассистент ва баъдан муаллими калони кафедраи менеҷменти молиявии (алҳол "Идоракунии молияи давлатӣ") Донишгоҳим миллии Тоҷикистон ифои вазифа менамояд.

Роҳбари илмии докторант Амонова Д.А. дар асоси қарори ҷаласаи кафедраи менеҷменти молиявӣ аз 14-уми ноябри соли 2018, суратҷаласаи №3 ва қарори ҷаласаи Шӯрои олимони факултети молиявию иқтисодӣ аз 12-уми декабри соли 2018, суратҷаласаи №5 номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Солеҳзода Ашурбой Абдувоҳид таъин гардидааст.

Диссертатсияи Амонова Дилором Абдувахидовна дар ҷаласаи кафедраи идоракунии молияи давлатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба таври ошкоро санаи 21-уми ноябри соли 2022 муҳокима гардид ва бо қарори ҳамин ҷаласа аз 21-уми ноябри соли 2022, суратҷаласаи №5 бо назардошти баҳои мусбати аз ҷониби муқарризон додашуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Дар натиҷаи муҳокимаи ошкорои диссертатсияи докторант Амонова Д.А. ва тақризҳои мусбати муқарризон дар мавзӯи «Роҳҳои мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D050900 – Молия, (6D050901 – молия, муомилоти пулӣ ва қарз) чунин хулосаҳо бароварда шуд:

1. **Баҳодиҳии иҷрои таҳқиқоти илмӣ.** Диссертатсияи докторант Амонова Д.А. дар мавзӯи «Роҳҳои мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба омӯзиши масъалаҳои асосии назариявӣ ва асоснокнамоии илмӣ - методологии роҳҳои мукаммалгардонии идораи молияи давлатӣ ва беҳтарсозии сифати идоракунии воситаҳои буҷети давлатӣ, коркарди пешниҳоду тавсияҳои мушаххас оид ба беҳтар кардани истифодаи онҳо бахшида шудааст.

Таҳқиқоти илмӣ бо забони тоҷикӣ ва бо асосноккунии илмӣ навишта шуда, таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад. Дар диссертатсия мақсад ва вазифаҳо пурра иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо илман асоснок гардидаанд.

Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисоди ҷаҳонӣ ва пайдо шудани чолишҳои нав дар муносибатҳои байни давлатӣ барои ҳар як мамлакат устуворгардонии низоми молиявӣ яке аз шартҳои муҳиму ҳалталаб боқӣ мемонад. Ҳамин аст, ки барои идоракунии масъулиятноки молияи давлатӣ ҳамчун заминаи устувории низоми миллии молиявӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ дар ҳар як давлат таваҷҷуҳи хоса равона карда мешавад. Маҳз, муҳиммияти рисолаи илмии мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суханронии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ҳангоми ироаи Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олӣ аз 26-уми декабри соли 2018 бармеоянд ва Барномаи идоракунии молияи давлатӣ, алоқамандии зич дорад. Зеро ба андешаи Президенти мамлакат: “Татбиқи Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 аз такмили низоми идоракунии давлатӣ, аз ҷумла идоракунии молияи давлатӣ вобаста аст.”

Банақшагирии молиявӣ бояд ҳамчун механизми бозории мубодилаи молу хадамот баромад карда, ҳамзамон воситаи таъсиррасонӣ дар таҳияи буҷети мамлакат баромад намояд. Дар ин ҷода, бояд мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ бо назардошти таъсироти омилҳои дохилию хориҷӣ роҳандозӣ карда шавад.

Аз ин рӯ, мавзӯи мазкур дар шакли таҳқиқоти илмӣ, дар тафовут аз баъзе рисолаҳои илмии дар ин самт ба анҷом расонидашуда, ба таври васеъ таҳлил шудааст. Нокифоя будани омӯзиши илмӣ-назариявӣ ва амалии мавзӯи таҳқиқшавандаи идоракунии молияи давлатӣ ва мукаммалгардонии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, сабаби ба мавзӯи мубрам табдил ёфтани масъала мегардад.

**2. Саҳми шахсии докторант дар гирифтани натиҷаҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод кардааст.** Диссертатсия натиҷаи таҳқиқоти

илмии ба анҷом расонидашудаи докторант ба шумор меравад. Ақидаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ, ки нақши худро дар илми иқтисодӣ ва дар пешбурди фаъолияти соҳавӣ, махсусан, дар идоракунии молияи давлатӣ мегузоранд, ба муаллиф дахл дорад. Корҳои иҷрогардида аз ҷониби муаллиф мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо ҳолатҳои асосӣ ва натиҷаи асосии таҳқиқот инъикос карда шудаанд.

3. **Дараҷаи таҳқиқоти анҷомдодашуда.** Дар таълифи диссертатсия вобаста ба вазифаҳои ҳалшаванда усулҳои зерини таҳқиқ истифода бурда шудаанд: диалектикӣ, математикӣ, иқтисодӣ-оморӣ, ҳисобӣ-конструктивӣ, абстрактӣ-мантиқӣ, таҳлили оморӣ, таърихӣ, мушоҳидаҳои шахсии муаллиф ва ғайраҳо.

4. **Ба сифати заминаи иттилоотӣ** таҳқиқоти монографӣ, корҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ, ки дар шакли монографияҳо, диссертатсияҳо, мақолаҳои дар журналҳои илмии тақризшаванда чопшуда, баромадҳо ва Паёмҳои солонаи Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарчашмаҳои электронии шабакаи интернет, сомонаҳои расмии вазорату идораҳои дахлдори соҳавӣ ба шумор мераванд.

Дар таҳияи таҳқиқот ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, ҳуҷҷатҳои барномавии бахши молияи давлатӣ, интишороти расмӣ ва ҳисоботҳои муассисаҳои давлатӣ, вазоратҳо, донишкадаю донишгоҳҳо, марказҳои таҳқиқотӣ, аз қабили: Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайраҳо ба таври васеъ истифода шудаанд.

5. **Ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз омӯзиши асосҳои назариявӣ ва асосноксозии илмӣ - методологии роҳҳои мукаммалгардонии идораи молияи давлатӣ ва беҳтарсозии сифати идоракунии воситаҳои буҷети

давлатӣ, коркарди пешниҳоду тавсияҳои мушаххас оид ба беҳтар кардани истифодаи онҳо иборат мебошад.

Барои расидан ба ин ҳадаф вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

- ✓ гузаронидани таҳқиқоти асосҳои илмӣ-назариявии идоракунии молияви давлатӣ;
- ✓ муайян намудани муаммоҳои низоми идоракунии молияи давлатӣ ва дигаргунсозиҳои он;
- ✓ таҳлили қисмати даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ ва ошкорсозии накши он дар идоракунии молияи давлатӣ;
- ✓ гузаронидани таҳлили идоракунии андозҳои давлатӣ ва такмили онҳо;
- ✓ таҳлил намудани муносибатҳои байни буҷетӣ ва такмили онҳо;
- ✓ муайянсозии самтҳои афзалиятноки стратегияи идоракунии молияи давлатӣ барои давраи то соли 2030.

**6. Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки дар он муаллиф низоми идоракунии молияи давлатиро ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ мавриди омӯзиш қарор дода, дастурҳо ва хулосаҳое, ки инъикоскунандаи навигарии илмӣ мебошанд ба як шакли муайян даровардааст.

Навгониҳои таҳқиқоти рисолаи илмии мазкур дар бандҳои зерин ифода карда мешаванд:

- баҳодиҳии ҷанбаҳои назариявию методологии низоми идоракунии молияи давлатӣ, пешниҳоди назарияи рушди он дар байни дигар институтҳои бахши иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва дар баробари ин, мушаххасгардонии давраҳои рушд ва ошкорнамоии омилҳои таъсиррасон ба ҳолат ва истифодаи воситаҳои буҷетӣ;
- муайяннамоии хусусиятҳои идоракунии хазинавии идоракунии молияи давлатӣ ва мақомотҳои назораткунандаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бухронӣ;

- таҳлил ва ошкорнамоии ҳаматарафаи нақш ва мақоми буҷети давлатӣ дар низоми идоракунии молияи давлатӣ, дар раванди таҳияи қисмати даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ;
- ошкорнамоии муносибатҳои байни буҷетӣ ва механизмҳои татбиқи онҳо ва пешниҳодоти илман асосноккардашудаи самтҳои афзалиятноки такмилдиҳии онҳо дар шароити муосир;
- такмилдиҳӣ ва баррасии идоракунии молияи давлатӣ дар ҳошияи Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ барои давраи то соли 2030;
- оид ба низоми мукаммалгардонии механизми идоракунии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ноил гардидан дар таъмини амнияти молиявӣ-иқтисодии мамлакат.

**7. Алоқамандии мазмуни рисолаи илмӣ бо интихоби ихтисос.** Таҳқиқоти диссертатсионии Амонова Дилором ба шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 6D050900-Молия, (6D050901 – молия, муомилоти пулӣ ва қарз) банди I, зербанди 1: равандҳои методологию сохтории ташаккули системаи молиявӣ; зербанди 5: Ниҳодҳои молиявӣ: назария, методология, қоидаҳои рушд ва такмили идоракунӣ; банди II, зербанди 3: Назария, методология ва методикаи банақшагирии молиявӣ дар сатҳи давлат ва ташкилоти мунисипалӣ; зербанди 7: Асосҳои консептуалии муносибатҳои байнибуҷетӣ ва танзими буҷетӣ; зербанди 8: Муносибкунонии раванди буҷетӣ: такмили системаи идоракунии даромадҳо ва хароҷоти системаи буҷетӣ ва фондҳои мақсадноки давлатӣ; зербанди 15: Равишҳои консептуалии ташаккули муносибатҳои байнибуҷетӣ; зербанди 17: Механизмҳои тақсимкунии маблағҳои буҷетӣ; зербанди 18: Хазинадорӣ ва системаи хазинадории иҷрошавии буҷет; зербанди 30: Механизмҳо ва афзорҳои қарзгирии давлатӣ дар бозори молиявии дохилӣ ва берунӣ; тағйироти реҷаи маблағгузории касри буҷет, таъсири қарзи давлатӣ ба рушди муносибатҳои қарзӣ ва болоравии бахшҳои воқеӣ пурра мувофиқат мекунад.

**8. Навгонӣ ва нигоҳдории рисола ба ихтисоси интихобшуда.** Навгонӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмии докторант барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D050900 – Молия, (6D050901 – молия, муомилоти пулӣ ва қарз) ба Шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 6D050900 – Молия, (6D050901 – молия, муомилоти пулӣ ва қарз), (зербандҳои банди 1-ум ва 2-юми қисми I "Молия") мувофиқат мекунанд.

**9. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда мураттаб карда шуда, матни асосӣ аз 155 саҳифаи матни компютерӣ иборат аст. Дар диссертатсия 12-то расм ва 15-то ҷадвал ҷой карда шудаанд.

**Боби якум** - «Асосҳои илмӣ-назариявии идоракунии молияи давлатӣ дар замони муосир» ба таҳқиқоти ҷанбаҳои илмӣ ва асосҳои консептуалии идоракунии молияи давлатӣ, хусусиятҳои идоракунии хазинавӣ ва назорати онҳо ва инчунин омӯзиши таҷрибаи ҷаҳоноид ба татбиқи низоми хазинадорӣ ва идораи молияи давлатӣ бахшида шудааст.

**Дар боби дуюм** - «Таҳлили низоми идоракунии молияи давлатӣ ва дигаргунисозиҳои он дар даҳсолаи охир» нақш ва мақоми буҷети давлатӣ дар низоми идоракунии молияи давлатӣ ошкор гардида, таҳлили идоракунии андозҳои давлатӣ ва такмили онҳо, инчунин таҳлилу такмили идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ дида баромада шудаанд.

**Боби сеюм** - «Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон ва такмили идоракунии молияи давлатӣ» ба асосноккунии Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ барои давраи то соли 2030, пешниҳодҳо оид ба такмилдиҳии сармоягузориҳои давлатӣ дар шароити амалишиваии Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 бахшида шудааст.

**10. Интишороти натиҷаҳои диссертатсия.** Докторант вобаста ба мавзӯи диссертатсия 11 мақола дар ҳаҷми 5,8 ҷузъи чопӣ таҳия кардааст, ки аз онҳо 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп гардидаанд. Ҳамзамон 8-то мақолаи илмӣ

дар маводи конференсияҳои сатҳи гуногун чоп гардидаанд. Аз ҷониби Амонова Д.А. инчунин дар ҳаммуаллифӣ воситаи таълимии "Менеҷменти молиявӣ" ва "Бозори молиявӣ" таҳия ва нашр гардидааст. Дар мақолаҳои илмӣ ақидаҳои илмии муаллиф ва принсипҳои асосии таҳқиқот инъикос ёфтаанд.

## РӮЙХАТИ МАҚОЛАҲОИ ЧОПШУДА АЗ РӮИ МАВЗӮЪ:

**А) Мақолаҳо дар нашрияҳое, ба феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшаванда дохил мешаванд:**

1. Амонова Д.А. Таҳлили хароҷотҳои буҷети давлатӣ ва накши он дар рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат //Д.А. Амонова // Пайёми ДМТ соли 2020, №5 саҳ. 24-30, ISSN – 2413-5151.
2. Амонова Д.А. Таҳлили идоракунии андозҳои давлатӣ ва такмили онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон //Д.А. Амонова // Пайёми Политехники бахши: «Интеллект, Инноватсия, Инноватсия» соли 2021, №1 (53), ISSN – 2520-2235.
3. Амонова Д.А. Таҳлили идоракунии муносибатҳои байни буҷетӣ ва такмили онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон //Д.А. Амонова // Академияи идоракунии давлатии назди Призиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2021, №4/2 (54), ISSN – 2664-0651.
4. Амонова Д.А. Амалигардонии алгаритми идоракунии молияи давлатӣ ва равандҳои асосии он //Д.А. Амонова // Паёми Донишгоҳи Технологии Тоҷикистон соли 2022, №4/1 (51), ISSN – 2707-8000.

**Б) Мақолаҳои дар дигар нашрияҳо ба нашр расида:**

1. Амонова Д.А. Баҳодиҳии устувории рушди ичтимоӣ – иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон //Д.А. Амонова// Маводи конфиренсияи илмӣ амалӣ дар мавзуи: «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030: назария ва амалия» (Душанбе, 22-24 –уми апрели соли 2017) Душанбе, - 2017с., - С. 11-13.
2. Амонова Д.А. Механизми идоракунии давлатии раванди ичтимоии иқтисоди минтақа //Д.А. Амонова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии

илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ ва роҳҳои баландбардории он дар шароити ҷаҳонишавӣ». (Душанбе, 15-уми апрели соли 2017), - С. 108-110.

3. Амонова Д.А. Буҷети давлатӣ ва нақши он дар рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат //Д.А. Амонова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019-2021» ва «400-солагии Миробид Сайидои Насафӣ» (20-27-уми апрели соли 2019), - С. 278-279.

4. Амонова Д.А. Таҳлили таҷрибаи хориҷии муносибатҳои байни буҷетӣ. //Д.А. Амонова // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Саноаткунонии кишвар ва таъмини рушди босуботи иқтисодиёт». (Душанбе, 27-уми феврали соли 2020), С. 291-294.

5. Амонова Д.А. Ҷанбаҳои назариявии идоракунии молияи давлатӣ. //Д.А. Амонова // Маводи конференсияи байналхалқии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «истифодабарии усулҳои муосири идоракунии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (26-уми ноября соли 2020), - С.41-43.

6. Амонова Д.А. Асосҳои илмӣ-назариявии идоракунии молияи давлатӣ дар замони муосир. //Д.А. Амонова // Маводи электрони: видеоконфиренсияи илмию амалии байналмиллалӣ дар мавзӯи: «нақши муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар таъмини рушди устувори минтақа дар ҳошияи саноатикунонии босуръати кишвар» (13-уми ноябри соли 2020 шаҳри Кулоб), -С. 468- 471.

7. Амонова Д.А. Таҳлили хароҷотҳои буҷети давлатӣ дар соҳаи тандурустии мамлакат дар солҳои 2012-2019 //Д.А. Амонова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «30 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040) Душанбе 2021 - С. 1246-1250.

8. Амонова Д.А. Таҳавуллоти муносибатҳои молиявӣ ва масъалаҳои

методологии илми молия //Д.А. Амонова // Маводи Семенари ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба «Рӯзи кормандони мақомоти молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ» Душанбе соли 2021, - С. 8-15.

9. Амонова Д.А. Асосҳои назариявӣ ва ташаккулёбии молияи давлатӣ //Д.А. Амонова // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмию-назариявӣ дар мавзуи масъалаҳои такмили механизми молиявию қарзии рушди иқтисодиёти миллӣ (Душанбе, 5-уми октябри соли 2021), - С. 261-263.

10. Амонова Д.А. Хусусиятҳои идоракунии хазинавӣ ва назорати онҳо //Д.А. Амонова // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмию-амалӣ дар мавзуи «механизмҳои молиявию қарзи тадбиқи ҳадафҳои стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе 18-уми феврали соли 2022), - С. 402 – 412.

11. Амонова Д.А. Таҷрибаи ҷаҳонии низоми хазинадорӣ ва идоракунии молияи давлатӣ //Д.А. Амонова // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмию-амалӣ дар мавзуи «Ташакулли низоми идоракунии давлатӣ ва маҳалли дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» (Душанбе 25-уми феврали соли 2022), - С. 110-114.

**В) Воситаҳои таълимӣ**

1. Амонова Д.А. Менеҷменти молиявӣ. Воситаи таълимӣ //Д.А. Амонова // ва диг. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021, – С. 225

2. Амонова Д.А. Бозори молиявӣ. Воситаи таълимӣ //Д.А. Амонова // ва диг. – Душанбе: Матбааи ҶДММ “НУШБОД”, 2022, – С. 339.

**Коркарди диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ аз тарафи муаллиф дар конфренсияҳои илмӣ, назариявӣ ва амалии донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар шакли маърӯзаи илмӣ пешниҳод карда шудаанд.

Дар ҷаласаи васеи кафедраи идоракунии молияи давлатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иштирок доштанд: ҳамагӣ - 25 нафар, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ - 16 нафар. Аз ҷумла, бо ихтисоси рисолаи

муҳокимагардида д.и.и., профессор 2 нафар, н.и.и., дотсентон 8 нафар, муаллимони калон ва ассистентон 6 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ:

«тарафдор» - 16 нафар, «муқобил» - нест, «бетараф»- нест.

Хулоса дар ҷаласаи васеи кафедраи идоракунии молияи давлатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо суратҷаласаи №5 аз 21.11.2022с. қабул карда шуд.

Диссертатсияи Амонова Дилором Абдувахидовна дар мавзӯи «Роҳҳои мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D050900 – Молия, (6D050901 – молия, муомилоти пулӣ ва қарз) бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташудаи муқарризон ба зинаҳои минбаъда ба Шурои диссертатсионии мувофиқ пешниҳод карда мешавад.

**Раисикунанда:**
н.и.и., дотсенти кафедраи
идоракунии молияи давлатии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Бобоев Ф.Ҷ.

**Котиби ҷаласа:**
н.и.и., муаллими калони кафедраи
идоракунии молияи давлатии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Турсунов И.Х.

Имзоҳои Давлатшоев О.Ҳ. ва Турсунов И.Х. - ро тасдиқ мекунам:

Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ
«25» 11 соли 2022 Тавқиев Э.Ш.

**Суроға:**
735025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел: (+992) 221-78-11